**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)

Фаҳмиш ва баррасиҳои илмӣ бо назардошти хусусиятҳои ташаккули матбуоти даврии Тоҷикистони пасошуравӣ бо тағйироти куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ пас аз ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ дар соли 1991 алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар раванди ин тағйирот нақши ВАО, хусусан, матбуоти даврӣ назаррас буд. Барҳам додани назорати давлатии умумииттифоқии фаъолияти иттилоотӣ ба ташаккули ВАО ҳамчун ниҳод ва унсури мустақили иҷтимоию сиёсӣ мусоидат намуд.

Мавзуи диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ аз ҷумлаи мавзуъҳоест, ки ба истиснои баъзе паҳлуҳои шинохти назариявии ВАО-и тоҷик ба таври амиқ омӯхта нашудааст. Таъину баррасии вижагиҳои равандҳои таҳаввулотӣ дар ВАО-и чопии солҳои 1991-2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти таҳқиқ нав буда, то ҳол ба шакли амиқ ва фарогир мавриди пажуҳиш қарор нагирифта буд. Дар осори илмӣ ва мақолаҳои алоҳидаи муҳаққиқони тоҷик роҷеъ ба ин мавзуъ ва масъала ишораҳо шудаанд, вале ба таври фарогир ва таҳқиқи диссертатсионӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор нагирифтааст. Дар кори таҳқиқӣ бори аввал тавсифи низомнок ва маҷмуии сохтори муосири матбуоти даврии кишвар ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида шудааст.

Аз автореферати диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ маълум мегардад, ки ин кори таҳқиқӣ аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бобҳо ба фаслҳо ҷудо шудаанд.

Мубрамии мавзуи мавриди назар бо он асоснок мегардад, ки таҳқиқи равандҳои ташаккулёбии васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии тамоюлҳои калидии рушди фаъолияти матбуоти даврии муосири тоҷик имкон фароҳам меоранд, ки дурнамо ва масъалаҳои меҳварии вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ба таври мушаххас муайян гардида, ба ҳалли масъалаҳои асосии дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда равона шудаанд. Объект ва предмети таҳқиқ дуруст интихоб шуда, ба мазмуну муҳтавои кор мувофиқат мекунанд. Истифодаи методҳои таҳқиқро

усулҳои бархурди маҷмуиву низомнок, методҳои муқоисавӣ ва таҳлили функсионалӣ, ҳамчунин, пурсишҳо ташкил дода, ин усулҳо ба муаллиф имкон додаанд, ки масъалаҳоро аз чанд ҷиҳат дуруст баррасӣ намояд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таҳлили фарогир ва ҳамаҷонибаи ҷараёни гузариши матбуоти даврии Тоҷикистон аз низоми шуравии иттилоотӣ ба сохтори демократии миллӣ дар солҳои 1991-2020 анҷом дода шудааст. Ин ҷанба арзиши илмии корро боло мебарад ва онро ҳамчун иқдому кори назаррас дар рушди журналистикаи миллӣ метавон арзёбӣ кард.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки боби якуми диссертатсия «Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон гирифта, аз 3 фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали ин боб таҳти унвони «Шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаллиф роҷеъ ба заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон сухан рондааст. Таҳлилҳои диссертант нишон медиҳанд, ки маҳз дар ин давра матбуот ба арсаи муқовимати сиёсӣ кашида шуд ва саҳми он дар муборизаҳои идеологӣ хеле назаррасу зиёд гардид.

Фасли дуюми боби якум «Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, дар он ба моҳияти ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Тоҷикистон, ки бо оғози Истиқлолияти давлатӣ марбут аст, таваҷҷуҳ шудааст. Ҳамзамон, муайян карда шудааст, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули низоми қонунгузории расонаҳо заминаи устувор фароҳам овард.

Фасли сеюми боби якум «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма»» ном дорад. Дар ин фасл муаллиф роҷеъ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки ҳамчун яке аз муҳимтарин санадҳои ҳуқуқӣ фаъолияти низоми матбуоти даврии Тоҷикистонро дар давраи Истиқлол танзим намудааст, ибрози назар кардааст.

Зерфасли аввали фасли сеюми боби якум «Ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он» унвон дошта, дар ин фасл масоили марбут ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ матраҳ шудаанд. Ба андешаи диссертант «дар шароити муосир арзиши асосии ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо моликияти моддӣ, балки натиҷаи фаъолияти эҷодии инсон, яъне моликияти зеҳнӣ мебошад» (Автореферат, с. 21).

Дар зерфасли дуюми фасли сеюми боби якум бо унвони «Танзими реклама дар воситаҳои ахбори омма» муҳаққиқ роҷеъ ба реклама, ки ҷузъи муҳимму ҷудонашавандаи фаъолияти тиҷоратии муосир мебошад, ибрози

назар карда, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иттилоотии онро муайян намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020» ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми боби дуюм «Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон дорад. Дар ин фасл асосан ба таърихи пайдоишу рушди оҷонсиҳои иттилоотӣ, ки ҳамчун унсури муҳимми низоми матбуоти даврӣ шакл гирифта, ба сифати сарчашмаи асосии иттилоот барои рӯзномаву маҷаллаҳо, радио ва телевизион хидмат намудаанду менамоянд, таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм – «Хусусиятҳои амалкарди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ» хусусиятҳои амалкарди ВАО ва гуногунандешии ВАО дар расонаҳои Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз таҳлилу баррасиҳои диссертант бармеояд, ки пайдоиши шабакаҳои иттилоотии хусусӣ ва оҷонсиҳои хабарӣ бар он боис гардиданд, ки гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳо вусъат ёбад. Дуруст аст, ки «Ин раванд ба баланд гардидани сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа мусоидат намуд ва матбуотро ба омили муҳим дар таҳкими истиқлолият табдил дод» (Автореферат, с. 28).

Боби сеюми диссертатсия «Нақш ва мақоми ВАО дар раванди демократикунонии ҷомеа» ном дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст. Фасли якуми ин боб «Нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа» унвон дорад. Дар ин фасл диссертант роҷеъ ба ворид шудани ҷомеаи тоҷик ба марҳилаи нави рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки дар он ВАО робитаи байни давлат ва ҷомеаро иҷро мекарданд, сухан ба миён омадааст. Дар ин фасл ба нақши ВАО дар баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ таваҷҷуҳи вижа зоҳир шудааст.

Фасли дуюми боби сеюм «Марҳилабандии фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ» унвон дошта, дар он нақши марҳалабандии рушду таҳаввули фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ дар даврони Истиқлоли давлатӣ баррасӣ гардидааст. Ба андешаи муҳаққиқ марҳалабандии фазои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки таҳаввулоти матбуоти миллӣ дар даврони Истиқлол аз назари илмӣ ва таърихӣ дақиқ арзёбӣ гардад.

Новобаста аз дастоварду хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар автореферати диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ ва мантиқӣ мушоҳида мешаванд. Чунончи:

1. Ба назар чунин мерасад, ки дар баррасии баъзе масоили матраҳшуда ва ҳамчунин, хулосаҳои ҳар боб ҷасорати илмӣ ва пешниҳодоти муаллиф камтар мушоҳида мешаванд.

2. Дар автореферати диссертатсия гуногуннависии калимаю таркибҳо (Истиқлол / истиқлолият / Истиқлолият; матбуоти даврӣ / матбуоти чопӣ) ва ғалатҳои имлоию мантиқӣ (саҳ. 13, 19, 28, 32) ба назар мерасанд.

Ғалату пешниҳодҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, аҳаммияти илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи адабиёт ва рӯзноманигории
Донишгоҳи давлатии Данғара Олимиён С.Ш.
«11» июни соли 2026.

Нишонӣ: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ, 25, бинои 4/408.
Тел.: (-992) 908878874
E-mail: journalist2020@mail.ru

Имзои **Олимиён Сабрина Шамсулло**ро
тасдиқ менамоям:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т
«11» июни соли 2026.

Нишонӣ: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ, 25.
Тел.: (833-12) 2-28-06;
E -mail: dddangara_2013@mail.ru